**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-023 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

аз 22.11. 2024 ш. Душанбе

Таҳқиқоти диссертатсионии **Палавонов Амоншо Муминович** дар мавзуи «**Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ**», аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи таълими фанхои ҷамъиятӣ (тахсилоти умумӣ)) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон; **Назарзода Рустам** - номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, баромади муқарризони ғайрирасмӣ Шербоев С., Каримов Н.С., Негматов С.Э., Шарифов М.Ғ., Каримов М.Б. ва Сайфуллоева З.Х.-ро шунида ва муҳокима намуда, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи **Палавонов Амоншо Муминович**

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи **Палавонов Амоншо Муминович** дар мавзуи «**Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи таълими фанхои ҷамъиятӣ (тахсилоти умумӣ)) ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни 2021 №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;

3. Ба **Палавонов Амоншо Муминович** дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи таълими фанхои ҷамъиятӣ (тахсилоти умумӣ)) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки **Палавонов Амоншо Муминовичро бо** дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ сазовор гардонад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шурои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Тарафдор? Муқобил? - Нест. Карор бо як овоз қабул шуд.

Иҷозат фармоед, Палавонов Амоншо Муминовичро барои ҳимояи бомуваффақияти диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз номи худам ва аз номи Шӯрои диссертатсионӣ самимона табрик намоям.

Роҳбари илмӣ **Иматзода Лутфия Маҳмадулло** - доктори илмҳои педагогӣ, профессоро табрик мегӯям ва барои дар самти омода кардани мутахассисони илми педагогика ва муҳаққиқон заҳмат мекашанд, як ҷаҳон сипос баён мекунам.

Ба муқарризони расмӣ, муассисаи тақриздиҳанда, муқарризони ғайрирасмӣ барои пешниҳоди тақризҳои мусбат ва ҳамкориҳои судманди илмӣ бо Шӯрои диссертатсионӣ ташаккури бепоён баён мекунам.

Ба ҳамаи аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо ҳузури худ, пешниҳоди саволҳо ва муҳокимаю андешаҳои муфиди худ дар кори имрӯзаи ҷаласа иштирок намуда, ба унвонҷуй маслиҳатҳои олимона доданд, изҳори ташаккуру сипос менамоям. Ба ҳамаи меҳмонон ва ҳозирини гиромӣ ташаккур.

Бо ҳамин кори шӯрои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович ба анҷом расид.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Мухаметов Г.Б.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Рузиева Л.Т.**

22 ноябри соли 2024